# ДАСТУР ВА НАМУНАИ АРИЗАҲО ОИД БА АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚ БА ИМТИЁЗҲО БАРОИ МАЪЮБОН

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ додааст.

**Маъюб –** шахсест, ки дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм аз беморӣ, ҷароҳат, иллати ҷисмонӣ ва ақлонӣ боиси маҳдуд шудани фаъолияти ҳаётӣ гардидааст ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз дорад. Маъюбӣ ба тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ муайян гардида, дар ин хусус ба шахс шаҳодатнома дода мешавад.

Имтиёзҳо барои маъюбон дар қонунгузории зерин пешбинӣ шудаанд:

- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”;
- Қонуни ҶТ “Дар бораи боҷи давлатӣ”;
- Қонуни ҶТ “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет”;
- Дигар қонунҳо.

**Тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” ба шахсони дорои маъюбият имтиёзҳои зерин пешбинӣ шудаанд:**

– Ба маъюбон дар муассисаҳои давлатии тиббию иҷтимоӣ ба таври ройгон ё имтиёзнок бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии тиббӣ расонида мешавад (моддаи 15 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”). *Барои амалӣ намудани ин имтиёз, бо ариза ба сохторҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудан мумкин аст*;

– Маъюбоне, ки кор мекунанд, ҳуқуқ доранд роҳхати табобати санаторию курортиро аз ҷои корашон ройгон ё бо пардохти 50 фоизи арзиши он гиранд (қисми 3 моддаи 16 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”). *Барои амалӣ кардани ин имтиёз зарур аст, ки корманди маъюб бо ариза ба унвонии корфармо мурочиат намояд*;

– Маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки ба онҳо аз рӯи хулосаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ таҳсил намудан манъ карда нашудааст, ба муассисаҳои мазкур бидуни озмун бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд (қисми 2 моддаи 23 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”). *Барои амалӣ кардани ин имтиёз зарур аст, ки ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намоед*;

– Маъюбон ҳуқуқ доранд аз нақлиёти ноҳиявӣ, байни ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва байнишаҳрии истифодаи ҷамъиятӣ (ба истисноИ таксӣ) ба тариқи ройгон

истифода баранд. Ҳамчунин маъюбон ҳуқуқи истифодаи имтиёзноки нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоиро доранд (қисми 1 моддаи 30 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”). *Қайд кардан зарур аст, ки имтиёзнок истифода бурдани нақлиёти ҷамъиятӣ бо пешниҳоди шаҳодатномаи маъюбӣ амалӣ карда мешавад*;

– Маъюбони гурӯҳҳои I ва II ҳуқуқи пардохти имтиёзноки ҳаққи манзили истиқоматӣ, хизматрасонии коммуналӣ (ба ғайр аз қувваи барқ, гази табиӣ) ва телефон, инчунин имтиёзи ба моликияти шахсӣ харидани хонаи давлатии истиқоматиашонро дар ҳаҷми 50 фоиз ва ҳуқуқи бенавбат ва ройгон гузаронидани хати телефон, барқ, газ ва оби нӯшокиро доранд (қисми 2 моддаи 31 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”). *Барои амалӣ намудани ин имтиёзҳо, зарур мебошад, ки бо пешниҳод намудани шаҳодатномаи маъюбӣ, ба таври хаттӣ ба мақомотҳои дахлдор, ки ин намуд хизматрасониҳоро амалӣ менамоянд, муроҷиат кард.*

**Тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони дорои маъюбият имтиёзҳои зерин пешбинӣ шудаанд:**

– Даромадҳои шахсони воқеӣ, яъне даромади дар шакли музди меҳнат гирифтаи маъюбон аз овони кӯдакӣ ва маъюбони гурӯҳи I андозбандӣ карда намешаванд (қисми 1, банди 25 моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);
– Аз даромад дар шакли музди меҳнати шахсони воқеӣ-резидентон, маъюбони гурӯҳи II барои ҳар моҳи тақвимӣ ба андозаи 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо тарҳи шахсӣ амалӣ карда мешавад (қисми 2, сархати1 моддаи 191 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);
– Объектҳои ғайриманқуле, ки дар онҳо маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ба қайд гирифта шудаанд ва объектҳои ғайриманқули нафақагирони яккаю танҳо, ки дар алоҳидагӣ ё якҷоя бо кӯдакони ноболиғ ё кӯдаки маъюб дар хонаи алоҳида зиндагӣ мекунанд андозбандӣ карда намешаванд (сархатҳои 2 ва 3 қисми 1 моддаи 347 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);
– Аз пардохти андози қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил барои ҳамаи гурӯҳи маъюбон (ба истиснои маъюбони гурӯҳҳои I ва II) дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси замин ҷудо шудаанд, агар дар чунин оилаҳо шахси ғайри қобили меҳнат бошад ва шахси маъюб эътирофшуда бе ҷои кор бошад, озод мебошанд. (сархати 14 моддаи 353 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);
– Як автомобили сабукрави ба маъюби гурӯҳи I ё II тааллуқдошта аз андозбандӣ озод карда мешаванд (сархати 5 моддаи 361 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон).

**Тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони дорои маъюбият имтиёзҳои зерин пешбинӣ шудаанд:**

– Ҳангоми ба кор қабул намудан, бо маъюбон дар сурати доштани тавсияҳои меҳнатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дода шудаанд, санҷиш муқаррар карда намешавад. (сархати 3, қисми 3, моддаи

28 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон), *яъне бе муайян кардани муҳлати санҷишӣ ба кор қабул карда мешаванд*;

– Ҳангоми бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар тағйир ёфтани технология, ташкили истеҳсолот ва меҳнат, ки кам шудани ҳаҷми кор боиси ихтисор шудани шумора, воҳиди кории кормандон ё тағйири шароити меҳнат гардидааст, ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан, ҳангоми баробар будани тахассус ва самаранокии меҳнат афзалият ба маъюбон, ба маъюбоне, ки сабаби маъюбии онҳо бо садамаи объектҳои атомӣ алоқаманд аст ва ба маъюбони тибқи квота ба кор қабул гардидаанд, дода мешавад (қисмҳои 1 ва 2, моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон)
– Ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II вақти кори давомнокияш кӯтоҳ на зиёда аз 36 соат дар як ҳафта бе кам кардани музди меҳнат муқаррар карда мешавад. Давомнокии кори ҳаррӯзаи (басти кории) маъюбони гурӯҳҳои I ва II аз 6 соат зиёд буда наметавонад (моддаҳои 68, 74, 260 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон);
– Ба кормандони маъюб гурӯҳҳои I ва II- 42, гурӯҳи III- 35 рӯзи тақвимӣ рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда муқаррар карда мешавад (сархати 11, қисми 2 моддаи 94 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон);
– Рухсатии бемузди меҳнат мувофиқи аризаи корманд, ки маъюб мебошад ба таври ҳатмӣ  ба муҳлати то 2 моҳ дар як сол дода мешавад (сархати 3, қисми 2 моддаи 116 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон). *Қайд кардан зарур аст, ки ин шакли рухсатӣ, ба рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда дахл надорад*;
– Ҷалб намудани маъюбон ба кори шабона, изофакорӣ, дар рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, фиристодани кормандони маъюб ба сафари хизматӣ танҳо бо розигии хаттии онҳо иҷозат дода мешавад, агар чунин кор бо нишондодҳои тиббӣ манъ карда нашуда бошад (моддаи 262 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон);
– Агар шароити истеҳсолот ба ташкили бо кор таъмин намудани корманди дар раванди кор маъюбшуда, бемории касбӣ ё дигар сабаби осеби ба саломатӣ бинобар иҷрои уҳдадории меҳнатӣ расида имкон надиҳад, шартномаи меҳнатӣ бо ӯ қатъ карда, барои аз кор рафтан кумакпулӣ пардохт карда мешавад. Андозаи кумакпулӣ набояд аз музди миёнаи меҳнати шашмоҳаи корманд камтар бошад (қисмҳои 4 ва 5 моддаи 338 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон);
– Ташкилот ё ворисი ҳуқуқии он уҳдадор аст, ки ба корманде, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот маъюб шудааст, илова ба маблағи ҷуброни зарари барои чунин ҳолатҳо муқарраршуда ба андозаи на камтар аз музди миёнаи дувоздаҳмоҳаи ҷабрдида кумакпулии яквақта пардохт намояд (қисми 5 моддаи 343 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

## Дигар имтиёзҳо

– Мутобиқи **Қонуни ҶТ “Дар бораи боҷи давлатӣ”**, маъюбон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда аз рӯи

даъвоҳои барқароркунии ҳуқуқҳояшон аз пардохти боҷи давлатӣ озод мебошанд.

– Мутобиқи **Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт”**, маъюбони гуруҳҳои I ва II мукофоти суғуртавиро ба андозаи панҷоҳ фоизи маблағи мукофоти суғуртавии муқаррарнамудаи Қонуни мазкур пардохт менамоянд.
– Мутобиқи **Қонуни ҶТ “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет”**, ҳангоми хизматрасониҳои консулӣ ба маъюбони гуруҳҳои I ва II хироҷҳои консулӣ ба андозаи 50 фоизи арзиши онҳо ситонида мешавад. Инчунин маъюбони гуруҳи I ва II ва категорияҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, аз супоридани хироҷ барои додани шиноснома, аз пардохти хироҷи сайёҳӣ, аз супоридани хироҷ барои амалҳои бозрасии давлатии автомобилӣ, аз супоридани хироҷ барои амалҳои бозрасии назорати давлатии техникаи кишоварзӣ, аз супоридани хироҷ барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул ва аҳдҳо бо он озод мебошанд.

**Диққат!**

Дар зер намунаи аризаиҳо оид ба татбиқ намудани имтиёзҳо барои шахсони дорои маъюбият оварда шудааст. Ҳангоми зарурат Шумо метавонед аз ин намунаҳо истифода баред.

*Намунаи 1*

**Ба Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам** _________ ____. ____.

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**А Р И З А**

Муҳтарам Вазир!

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки ман маъюби гурӯҳи I мебошам ва мунтазам бояд бемориамро табобат намоям.

Далели ин гуфтаҳоям шаҳодатномаи маъюбӣ ва хулосаи ташхиси тиббӣ мебошад, ки мунтазам зери табобат қарор гирифтанамро ин ҳуҷҷат шаҳодат медиҳад.

Ман имконияти пардохт кардани маблағи беморхона ва маблағи табобатро надорам.

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки аз рӯи имтиёз ва ройгон барои дар Маркази миллии тиббии Тоҷикистон бистарӣ шуда, табобат гирифтанам, мусоидат намоед.

Замима:

1. Нусхаи шаҳодатномаи маъюбӣ;
2. Нусхаи хулосаи ташхиси тиббӣ.

**Аризадиҳанда:** __________________ __. __. __________________

(ному насаб) (имзо)

“_____” __________________ _______

(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 2*

**Ба Сардори Муассисаи истифодабарии манзили №6 ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, муҳтарам _______________ ___. ___.**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари мурожиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати мурожиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони мурожиаткунанда)*

**А Р И З А**

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки ман маъюби гурӯҳи I мебошам ва дар суроғаи дар боло қайдшуда, бо аҳли оилаам зиндагӣ менамоям.

Ман соҳибмулки манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри _______, кӯчаи _____, хонаи ____, ҳуҷраи _____ мебошам.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 31 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон", ман ҳуқуқи пардохти имтиёзноки ҳаққи хизматрасонии коммуналиро дар ҳаҷми 50 фоиз дорам.

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки пардохти хизматрасониҳои коммуналии манзили истиқоматии манро, аз рӯи имтиёзи маъюбӣ, дар ҳаҷми 50 фоиз ба ҳисоб гиред.

**Замима:**

1. Нусхаи шаҳодатномаи маъюбӣ;

**Аризадиҳанда:** __________________ __. __.                    __________________

(ному насаб)                    (имзо)

"_____" ___________________ _______

(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 3*

**Ба корфармо - Директори ҶДММ “Атлас”,**
**муҳтарам** ______________ ___. ___.

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**А Р И З А**

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки ман маъюби гурӯҳи I мебошам.

Мутобиқи қисми 1, банди 25 моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, даромади дар шакли музди меҳнат гирифтаи маъюбон аз овони кӯдакӣ ва маъюбони гурӯҳи I андозбандӣ карда намешаванд.

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ин имтиёзро ҳангоми ба ман пардохт намудани музди меҳнат, татбиқ намоед.

Замима:

1. Нусхаи шаҳодатномаи маъюбӣ;

**Аризадиҳанда:** ________________ __. __. ________________
(ному насаб) (имзо)

“____” _________________ _______
(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 4*

**Ба Сардори нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, муҳтарам** _________________ ____. ____.

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари мурочиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати мурочиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони мурочиаткунанда)*

**А Р И З А**

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки ман маъюби гурӯҳи I мебошам.

Ман соҳибмулки манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри _______, кӯчаи _____, хонаи ____, ҳуҷраи _____ мебошам. Қитъаи замини манзили мазкур 0.06 ГА-ро ташкил медиҳад. Инчунин ман соҳибмулки воситаи нақлиёти тамғаи Опел рақами қайди давлатиаш 0101 АА01 мебошам, ки ҳамчун маъюб онро истифода карда истодаам.

Мутобиқи сархатҳои 2 ва 3 қисми 1 моддаи 347, сархати 14 моддаи 353 ва сархати 5 моддаи 361 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ман имтиёзҳо дода шудааст, ки аз пардохти андоз барои манзили истиқоматӣ, қитъаи замин ва воситаи нақлиёт озод бошам.

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки имтиёзҳои дар моддаҳои дахлдори Кодекси андоз қайдшударо татбиқ намуда, манро аз пардохти андоз аз манзили истиқоматӣ, қитъаи замин ва воситаи нақлиёт озод намоед.

**Замима:**

1. Нусхаи шаҳодатномаи маъюбӣ;
2. Нусхаи ҳуҷҷатҳои хонаи истиқоматӣ;
3. Нусхаи ҳуҷҷатҳои воситаи нақлиёт.

**Аризадиҳанда:** __________________ __. __.  __________________

(ному насаб) (имзо)

“_____” ____________________ ________

(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 5*

**Ба корфармо - Директори ҶДММ “Атлас”,**
**муҳтарам ________________ ____. ____.**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**А Р И З А**

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки ман маъюби гурӯҳи I мебошам.

Мутобиқи сархати 3, қисми 2 моддаи 116 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ман ба рухсатии бемузди меҳнат дар давоми як сол то ду моҳ ҳуқуқ дорам.

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ман ба муҳлати 2 моҳ, рухсатии бемузди меҳнат пешниҳод намоед.

**Замима:**

1. Нусхаи шаҳодатномаи маъюбӣ.

**Аризадиҳанда:** __________________ __. __. ____________________
(ному насаб) (имзо)

“_____” ____________________ _______
(санаи пешниҳод намудани ариза)